«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________
«25» 04 2022 с.

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи докторанти (PhD) **Алимов Фирдавс Худойдодович** дар мавзуи «**Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Алимов Фирдавс Худойдодович** аз соли 2018 шуъбаи магистратураи факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси забоншинос хатм кардааст. Номбурда баъди хатми шуъбаи магистратура соли 2018 ҳуҷҷатҳояшро ба шуъбаи докторантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супорида, соли 2021 онро аз рӯйи ихтисоси 6D021000 – Филологияи хориҷӣ хатм намудааст.

Гувоҳномаи супоридани имтиҳонҳои маҷмӯӣ соли 2021 аз тарафи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти рақами №73 дода шудааст.

Роҳбари илмии ӯ доктори илми филология, профессор **Мамадназаров Абдусалом** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ дар таърихи 13. 11. 2018, қарори №3 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Қобили зикр аст, ки солҳои охир муҳақиқони ҷавон ба таҳқиқи масоили гуногуни забоншиносӣ, ки дар раванди пешрафти ин илм аҳаммияти муҳим

доранд, бештар гардидааст. Дар ин замина пажуҳиши докторант Алимов Фирдавс Худойдодович зери унвони «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» намунаи олӣ мебошад.

Истилоҳоти соҳаи тарҷумашиносӣ, як қабати таркибии забон буда, аз ин хотир, чун лексикаи соҳавӣ сазовори таҳқиқ мебошад. Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз назари типологӣ то имрӯз мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Истилоҳоти мазкур дар ташаккул ва рушди лексикаи забонҳои муқоисашаванда аҳамияти муҳим доранд. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва баррасии ин мавзӯъ муҳим буда, барои аз назари муқоисавӣ муайян кардани системаи истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, фарқият ва умумияти сохторӣ-маъноӣ ва этимологии ин воҳидҳои муҳимми лексика дар забонҳои таҳқиқшаванда аҳаммияти калидӣ дорад.

Бояд таъкид кард, ки дар кушода додани масоили марбут ба мавзуъ аз рӯйи мазмуну мундариҷа ва мутобиқати онҳо дар забони тоҷикӣ, ки дар диссертатсия баррасӣ гардидаанд, кӯшиш ва ғайрати унвонҷӯ баръало эҳсос карда мешавад, ки ин сифати баланди таҳияи диссертатсияро вобаста ба дастгоҳи илмӣ ифода менамояд.

Мавзуи диссертатсия ба сархати 9-уми қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503 (**«Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»**) алоқамандӣ дорад. Кори диссертатсионӣ дар доираи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон марҳила ба марҳила иҷро шудааст.

Муаллифи диссертатсия ба шакли муфассал таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносиро **мақсади аслии таҳқиқ** қарор додааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

–аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани мавзуи таҳқиқ, таҳияи усулҳои таснифи истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

– ба низоми муайян овардани истилоҳоти тарҷумашиносии соҳа дар ҳар ду забон;

– муайян намудани сарчашмаҳои асосии истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои таҳлилшаванда;

– мушаххас намудани шева ва роҳу усулҳои калимасозии истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои муқоисашаванда;

– пешниҳоди намудани таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти соҳа дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

– таҳқиқи падидаҳои полисемия, синонимия ва антонимия дар мисоли истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои муқоисашаванда;

муайян намудани этимологияи истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** осори марбут ба тарҷумашиносӣ ва масоили он, ба монанди «Dictionary of Translation Studies» (*Фарҳанги тарҷумашиносӣ*)-и М. Шаттлворт, М. Кови, «The Routledge Encyclopedia of Translation Studies» (*Энсиклопедияи тарҷумашиносии Рутлиҷ*)-и Мона Бейкер, «Longman Dictionary of English Language and Culture» (*Луғати Лонгман оид ба забон ва фарҳанги англисӣ*), «Introducing Translation Studies: Theories and Applications» (*Муқаддимаи тарҷумашиносӣ: назарияҳо ва барномаҳо*)-и Мандей Ҷереми, «Encyclopedia of Translation Terminology» (*Энсиклопедияи истилоҳоти тарҷума*)-и Абдул Салиб Меҳди Али (Mehdi Ali), инчунин, М.Б. Нағзибекова «Краткий русско-таджикский словарь переводческой терминологии», М.Б. Нағзибекова, М.М. Мирзоева «Луғати тафсирии истилоҳоти тарҷумонӣ», М.Б. Нағзибекова Мирзоева М.М. ва «Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ»-и Ш. Бобомуродов, З. Мухторов интихоб гардиаанд.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** диссертатсияро асарҳои илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили А. А. Реформатский, В.М. Лейчик, Л.Л. Нелюбин, О. Каде (O. Kade), Р. Якобсон (R. Jakobson), Ҷ. Мандей (J. Munday), Ю. Найда (E. Nida), О.С. Ахманов, В.В. Виноградов, Г.О. Винокур, М. Шукуров, Г.В. Демидова, Д. Саймиддинов, Б. Камолиддинов, Т. Л. Канделаки, С. Назарзода, С. Сулаймонов, М.Ҳ. Султон, А. Сатторзода, С.

Ҷоматов, А. Мамадназаров, Ҳ. Саидов, П. Ҷамшедов, М.Б. Нағзибекова, М.М. Мирзоева ва дигарон ташкил додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбад, ки диссертатсияи мавриди назар аввалин пажӯҳиши мукаммал оид ба вижагиҳои сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ махсуб ёфта, дар он бори нахуст моделҳои муҳимтарини истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои таҳқиқшаванда инъикос гардидаанд.

Диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки натиҷаҳои назарӣ ва амалии таҳқиқи мазкур метавонанд ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои назарии истилоҳоти забони тоҷикӣ, таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикии истилоҳоти тарҷумашинсии забони тоҷикӣ, коркарди мушкилоти истилоҳот, амалияи луғатнигорӣ, таҳияи фарҳангҳои дузабонаи англисӣ ва тоҷикӣ истифода шаванд.

**Натиҷаҳои таҳқиқи мазкур** метавонанд барои ба низоми муайян даровардани истилоҳоти тарҷумашиносӣ, амалияи тарҷума аз забони англисӣ ба тоҷикӣ, таҳияи дастурҳои таълимию амалӣ мусоидат намояд. Илова бар ин, **натиҷаҳои таҳқиқро** дар самтҳои ҳамҷавори илмӣ, аз ҷумла грамматикаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, луғатнигорӣ, назария ва амалияи тарҷума **татбиқ намудан** имконпазир аст.

Қобили таъкид аст, ки маводи диссертатсияи мазкурро метавонад дар омӯзиши муқоисавии истилоҳоти соҳаҳои дигари илм низ мусоидат намоянд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои кори мазкур имкон медиҳанд, то хусусиятҳои типологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба таври муфассал таҳқиқу баррасӣ гарданд.

Мавзуи **таҳқиқоти диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси илмӣ** ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** аз он иборат мебошад, ки бори нахуст истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз

лиҳози сохторӣ-маъноӣ ва этимологӣ ба таври мукаммал  аз ҷониби диссертант таҳқиқ шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ беш аз 1000 истилоҳи тарҷумаро дар асоси назария ва амалияи тарҷума, луғатҳои дузабона ва тафсирӣ, аз ҷумла фарҳангҳои этимологӣ, энсиклопедӣ, забоншиносӣ, фарҳангҳои истилоҳоти тарҷумашиносӣ гирдоварӣ ва мавриди муқоиса қарор додааст.

Докторант  дар ҷараёни таҳқиқ аз **методҳои** умумиилмии мушоҳида, муқоиса, шарҳдиҳӣ, таҳлили семантикию сохторӣ, таҳлили муқоисавию таърихӣ истифода кардааст.

**Мухтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи** Алимов Фирдавс Худойдодович дар 4 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфта, рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[11-М]. Алимов Ф.Х. Аз таърихи пешрафти назарияи тарҷума дар забоншиносии Аврупо ва Амрико / Ф.Х. Алимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – №5. – С. 9-14.

[2-М]. Алимов Ф.Х. Мафҳуми истилоҳи *translation – тарҷума* ҳамчун яке аз муҳимтарин  унсурҳои майдони истилоҳӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / Ф.Х. Алимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. –  №8. – С. 53-58.

[3-М]. Алимов Ф.Х. Истилоҳи *equivalence - муодилнокӣ* ва шарҳу тафсири он дар забонҳои англисӣ  ва точикӣ / Ф.Х. Алимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2021. – №5. – С. 52-58.

[4-М]. Алимов Ф.Х. Аффиксатсия – яке аз усулҳои асосии калимасозии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забониҳои англисӣ ва тоҷикӣ / Ф.Х. Алимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2022. – №2. – С. 33-38.

Диссертатсия кори илмии баанҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқ аст.

Кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Алимов Фирдавсро кори илмии бaанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шудааст ва ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

Бо назардошти ин, диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» –17 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 9, аз 20. 04. 2022.


Мудири кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ — Наврузшоев Баҳриддин Хушҳолович

Тел.: 000090403

Почтаи электронӣ: bakhakhush@mail.ru

Котиби илмӣ: — Диёров Шоҳи Ҷаҳон Абдусамеҳович

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: **(+992-37) 221-77-11** Факс: **(+992-37) 221-48-84**
E-mail: **info@tnu.tj; int.re@gmail.com**
Сомонаи муассиса: http://www.tnu.tj


Имзои: Б.Х. Наврузшоев ва Ш.А. Диёровро
тасдиқ мекунам:
сардори РК ва КМ ДМТ — Тавқиев Э. Ш.